Ин ду чиз бар мардони уммати ман ҳаром ва бар занонашон ҳалол аст

Аз Алӣ ибни Абутолиб (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) абрешимро бо дасти чап ва тиллоро бо дасти рост гирифта, сипас ҳар ду дасташро боло бардошта фармуданд: "Ин ду чиз бар мардони уммати ман ҳаром ва бар занонашон ҳалол аст."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والنسائي وابن ماجه]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) либос ё порчае аз абрешимро бо дасти чапаш гирифт ва қитъае аз тилло (аз зевар ё монанди он)-ро бо дасти росташ, баъд фармуд: Ҳақиқатан абрешим ва тилло барои мардони ин уммат пӯшиданашон ҳаром аст, вале барои занонашон ҳалол аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4292